# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ҳусайнова Фарида Бозоровна дар мавзӯи «Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302) – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)

Ҳусайнова Фарида Бозоровна факултети филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро соли 2013 дар зинаи бакалавр бо ихтисоси «муаллими забони англисӣ», солҳои 2013-2015 зинаи магистратураи донишгоҳи мазкурро бо ихтисоси «муаллими забони англисӣ» ва солҳои 2015-2018 зинаи докторантураи PhD-и Донишгоҳи давлатии Кӯлобро хатм намуд. Дар давоми фаъолияти кориаш муҳаққиқ Ҳусайнова Фарида Бозоровна аз соли 2014 лаборанти кафедраи забонҳои хориҷии умумидонишгоҳӣ ва аз соли 2015 ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ кору фаъолият карда истодааст.

Дар муддати кор дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Ҳусайнова Фарида Бозоровна худро ҳамчун мутахассиси донишманд, масъулиятнок ва бофаросат дар соҳаи тадқиқи масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбия ва умуман сикли фанҳои забоншиносӣ нишон додааст. Махсусан, истеъдоду маҳорати ӯ дар тадқиқи масъалаҳои вобаста ба таълим ва муқоисаи забонҳои хориҷӣ (англисӣ), истифодаи методҳои инноватсионии таълим (интерактивӣ) зимни таълими фанну предметҳо сазовори ситоиш ва таҳсин мебошанд. Дар муддати фаъолияти корӣ аз фанни «Забони англисӣ» дарс медиҳад, дарсу машғулиятҳо натиҷаю самараи хуб ба бор меоранд.

Қобили тазаккур аст, ки тадқиқоти диссертатсионии Ҳусайнова Фарида Бозоровна ҳанӯз аз солҳои нахустини кору фаъолияти таълимиаш зимни хондани маърӯзаҳо ва гузаронидани машғулиятҳои

амалӣ аз фани мазкур дар асосу заминаи мисолу намунаҳо сурат гирифтаанд, ки баъдан заминаи тадқиқоти диссертатсионии ӯро ташкил намудааст.

Кори диссертатсионӣ ба таҳқиқи вижагиҳои категорияи шахсу шумораи феъл дар асоси маводи забони тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Диссертатсия таҳқиқи муқоисавии категорияи шахсу шумораи феъл, омӯзиши роҳҳои ифодашавӣ ва баррасии хусусияти онҳоро фаро мегирад. Илова бар ин, таҳқиқи категорияи шахсу шумораи феъл дар забони тоҷикӣ ва муқоисаи он бо забони англисӣ аҳамияти хоссаро касб намуда, он дар давраҳои бостон, миёна ва муосир баррасӣ шуда, роҳҳои ифодашавии категорияи шахсу шумора дар забони англисии муосир муайян шудаанд.

Муҳиммияти мавзӯи диссертатсия вобаста ба он аст, ки соҳаи муқоиса (типология) монанди дигар масъалаҳои забоншиносӣ, дар марҳалаи рушд ва ташаккули забономӯзӣ мусоидат менамояд. Дар илми забоншиносии тоҷик, дар баробари дастовардҳои муайян дар омӯзиши муқоисавии забони англисӣ баъзе масъалаҳо ҳалли худро ёфтаанд.

Ба мафҳуми категорияи шахси феъл дар навбати аввал амалу ҳаракати инсон дохил мегардад. Аз инҷост, ки омӯзиши амиқи категорияи шахсу шумораи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аҳамияти хосаро касб намуда, он барои баррасӣ ва бозгӯии раванди таърихӣ ва вазъи кунунии забонҳои муқоисаҷшаванда заминаи мусоиди илмӣ фароҳам меорад. Муҳиммияти мавзӯъ пеш аз ҳама, дар набудани пажӯҳиши мукаммали илмӣ, ки ба таҳқиқи муқоисавии “Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забонҳои англисӣ” бахшида шудааст, зоҳир мегардад.

Таҳқиқи феъл ва категорияи шахсу шумора аз масъалаҳои баҳсталаби илми забоншиносии муосир, аз ҷумла забони англисӣ, ба шумор рафта, дар системаи феъл категорияи грамматикии шахсу шумора ниёз ба таҳқиқоти мукаммал дорад. Ҳалли ин масъала на фақат барои забоншиносии муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, балки дар

маҷмӯъ барои забоншиносӣ актуалӣ мебошад. Муайян кардани умумият ва фарқияти маънои грамматикии шахсу шумораи феъл дар ҷумла, имконият медиҳад, ки доир ба сохтор, маъно ва тарзи истифодабарии онҳо дар забонҳои муқоисашаванда хулосаи дурусти илмӣ бароварда шавад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва маводи ҷамъовардашуда метавонанд барои коркард ва эҷоди грамматикаи муқоисавии дузабона – тоҷикӣ ва англисӣ мусоидат намояд. Дар баробари ин, таҳқиқоти мазкур метавонад, ҷиҳати муайян намудани сарчашмаҳои ташаккул ва рушди бонизоми забони тоҷикӣ ва англисӣ, роҳу восита ва методҳои ташаккули грамматика ва муқоисаи онҳо дар забонҳои муқоисашаванда кумак намояд.

Арзишу аҳамияти муҳимми илмӣ ва амалӣ доштани феъл ва категорияи шахсу шумора боиси он гардид, ки намояндагони соҳаи грамматика ба гирдоварию тадқиқ ва баррасиву омӯзиши он даст зананд. Натиҷаҳои ҳамин пурарзишӣ ва пураҳамиятӣ буд, ки солҳои пешин соҳаи нави илм, яъне муқоиса дар олами илми иҷтимоӣ, ба хусус илми забоншиносӣ, арзи вуҷуд намояд ва баъдан вусъату ташаккул ёбад.

Ҳусайнова Фарида Бозоровна зимни иҷроиши тадқиқоти диссертатсионӣ аз худ қобилияту тавонмандии мустақилона пеш бурдани омӯзиш ва ҷустуҷӯҳои амиқи назариявию амалӣ нишон дода тавонист.

Тадқиқоти диссертатсионии мазкур барои ташаккули бархӯрди нав дар омӯзиш ва тадқиқи категорияи грамматикии шахсу шумораи феъл аз даврони бостон то замони муосир мусоидат карда метавонад ва натиҷаҳои санҷишу апробатсияи тадқиқот дурустии нуктаҳои асосии назариявии онро тасдиқ менамоянд.

Зимни иҷроиши тадқиқоти диссертатсионӣ Ҳусайнова Фарида Бозоровна худро ба тариқи мусбат нишон дода тавонист. Муҳаққиқ собит намуд, ки ӯ як тадқиқотчии мулоҳизакор ва пухта расида буда, минбаъд метавонад ба тариқи мустақилона ва мушаххас ҳадафу

вазифаҳоро муайян намуда, натиҷаҳои дастрасшударо амиқан ва бошуурона дарку фаҳм намояд, натиҷаҳои дастрасшударо баррасӣ ва таҳлил кунад ва методҳои ба мақсад мувофиқро барои анҷом додани тадқиқот муайян намояд.

Баррасиҳои илмӣ-назариявӣ ва корҳои муқоисавии гузаронидаи муҳаққиқ Ҳусайнова Фарида Бозоровна оид ба тадқиқи категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ, ҳамчун яке аз сарчашмаҳои таърихии пурарзиши асрҳои миёна бо роҳу усулҳои муосиру навтарин ва дар 10 асару китоб ва мақолаҳои илмии нашрнамудаи ӯ, аз ҷумла, дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Муассисаи давлатии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд. Муҳаққиқ Ҳусайнова Фарида Бозоровна дар якчанд конфронсҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишкадаи технологӣ ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб ва дигар конфронсҳои сатҳи байналмилалӣ муваффақона аз доираи мавзӯи илмӣ - тадқиқотиаш бо маърӯзаҳо баромад намудааст (2015-2023).

Дар баробари анҷом додани кори илмӣ-тадқиқотиаш Ҳусайнова Фарида Бозоровна ба тариқи фаъолона ба корҳои таълиму тарбия бо мақсади такмилу афзоиши малака ва маҳоратҳои педагогии худ сафарбар шуда, худро ҳамчун омӯзгори муваффақ оид ба соири фанҳои забоншиносӣ нишон додааст.

Дар маҷмӯъ муҳаққиқ Ҳусайнова Фарида Бозоровнаро метавон ҳамчун мутахассиси илмӣ-педагогӣ арзёбӣ ва тавсиф қард, ки метавонад мустақилона ҳалли супоришу вазифаҳои гузошташударо бо сарбаландӣ иҷро намояд.

Ҳамчун роҳбари илмии муҳаққиқ тадқиқоти диссертатсионии Ҳусайнова Фарида Бозоровнаро ба тариқи мусбат ва ҳамчун тадқиқоти пурра анҷомёфта арзёбӣ намуда, онро барои муҳокима ва дифоъ барои

дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302) – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) тавсия менамоям.

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент, Холиқзода А.

Имзои н.и.ф., дотсент А. Холиқзодаро
тасдиқ мекунам.
Сардори РК КМ ДДК: Амиров Ф.

18.08.2023.